# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01.04.2022 №95/шд ва 25.10.2024 №407/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзӯи диссертатсия пеш аз ҳама бо ислоҳоти пайвастаи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зарурати баланд бардоштани сифати танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ асоснок мегардад. Тағйирёбии мунтазами қонунгузории ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки масъалаи банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои он то имрӯз ҳалли комили илмӣ пайдо накардааст.

Дар амалияи мақомоти тафтишотӣ, прокуратура ва судҳо аксар вақт масъалаҳои марбут ба муайян намудани ҷойгоҳ, хусусият ва алоқамандии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба миён меоянд. Норасоии асосҳои ягонаи илмии таснифи чунин меъёрҳо метавонад боиси тафсири гуногуни қонун ва татбиқи нобаробари он гардад. Аз ин рӯ, таҳияи модели муосири банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории

ҷиноятӣ барои таъмини суботи қонунгузорӣ ва ягонагии амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Дар ин замина, таҳқиқоти мазкур ба муайян намудани асосҳои илмии низомбандии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ равона гардидааст. Ин омилҳо мубрамияти баланди мавзӯи интихобшударо асоснок менамоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии натиҷаҳои диссертатсия дар таҳияи равиши нави илмӣ ба масъалаи банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Дар таҳқиқот масъалаи мазкур на танҳо аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар робита ба мушкилоти воқеии қонунэҷодӣ ва амалияи татбиқи қонун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки рушди босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёбии шаклҳои ҷинояткорӣ ва ворид гардидани тағйиру иловаҳои зиёд ба қонунгузории ҷиноятӣ зарурати аз нав арзёбӣ намудани низоми дохилии меъёрҳои ҷиноятиро ба миён овардааст. Дар ин робита, диссертатсия роҳҳои илмии таъмини ҳамоҳангӣ, устуворӣ ва мантиқияти қонунгузории ҷиноятиро пешниҳод менамояд. Навгонии таҳқиқот инчунин дар муайян намудани мушкилоти асосии сохтории қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ифода меёбад. Аз ҷумла, масъалаҳои такроршавии меъёрҳо, номувофиқатии истилоҳоти ҳуқуқӣ, ҷойгиршавии нодурусти баъзе муқаррароти ҳуқуқӣ ва таъсири онҳо ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия асоснок карда мешавад, ки банизомдарории меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ бояд ҳамчун қисми муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат баррасӣ гардад, зеро сатҳи низомнокии қонунгузорӣ ба

сифати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таъмини қонуният ва адолати судӣ таъсири мустақим мерасонад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия бо он муайян мегардад, ки таҳқиқот дар заминаи омӯзиши васеи назарияҳои илмӣ, қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ анҷом дода шудааст. Муаллиф масъалаи банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода, робитаи байни сохтори қонунгузорӣ ва самаранокии татбиқи онро муайян намудааст.

Дар таҳқиқот маводи назариявӣ ва амалии марбут ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, техникаи қонунгузорӣ ва назарияи низоми ҳуқуқ истифода гардидааст. Ин имкон дод, ки масъалаҳои мавриди омӯзиш на танҳо аз нуқтаи назари меъёрҳои амалкунанда, балки аз мавқеи рушди минбаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ низ баррасӣ карда шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо таҳлили муқоисавии таҷрибаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва равишҳои муосири рушди ҳуқуқи ҷиноятӣ дар дигар низомҳои ҳуқуқӣ тақвият ёфтааст. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ барои муайян намудани имкониятҳои истифодаи усулҳои самараноки банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат кардааст.

Ҳангоми таҳқиқ муаллиф ба принсипҳои асосии илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла объективият, пайдарҳамӣ, мантиқият ва асоснокии илмӣ такя намудааст. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда натиҷаи таҳлили мустақили илмӣ буда, бо далелҳои назариявӣ ва амалии дахлдор тасдиқ карда шудаанд.

Тавсияҳои диссертатсия ба ҳалли масъалаҳои воқеии такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои марбут ба беҳтар намудани сохтори Кодекси

ҷиноятӣ, бартараф намудани ихтилофи меъёрҳо, такмили таснифи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таъмини татбиқи ягонаи қонун дорои аҳаммияти амалии муҳим мебошанд.

Ҳамин тавр, асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо мутобиқати онҳо ба талаботи таҳқиқоти илмӣ, истифодаи заминаи кофии назариявӣ, таҳлили қонунгузории амалкунанда ва имконияти татбиқи амалии пешниҳодҳои таҳияшуда таъмин мегардад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти илмии таҳқиқот пеш аз ҳама бо он муайян мегардад, ки диссертатсия масъалаи банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳими назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ таҳқиқ менамояд. Натиҷаҳои бадастомада барои рушди мафҳумҳои илмӣ оид ба низоми ҳуқуқ, сохтори қонунгузорӣ ва усулҳои такмили меъёрҳои ҷиноятӣ аҳаммияти назариявӣ доранд.

Дар таҳқиқот муносибати нави илмӣ ба масъалаи гурӯҳбандии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ пешниҳод гардида, асосҳои методологии омӯзиши онҳо муайян карда шудаанд. Ин натиҷаҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ, корҳои монографӣ, мақолаҳои илмӣ ва таълими фанҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он мебошад, ки натиҷаҳои он барои фаъолияти мақомоти қонунгузор, судҳо, мақомоти тафтишотӣ ва дигар сохторҳои ҳуқуқӣ аҳаммият доранд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили сохтори Кодекси ҷиноятӣ, таъмини мувофиқати дохилии меъёрҳо ва беҳтар намудани техникаи қонунгузорӣ метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти дахлдор истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар як монографияи илмӣ ва 22 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудаанд. Аз шумораи

умумии мақолаҳои нашршуда 18 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки дорои арзиши баланди илмӣ буда, аз санҷиши экспертизаи илмӣ гузаштаанд. Интишороти анҷомдодашуда мазмун, моҳият, самтҳои асосӣ ва натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсиониро пурра фаро гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии мавзӯи таҳқиқшавандаро инъикос менамоянд.

Дар монография ва мақолаҳои илмии нашршуда масъалаҳои асосии марбут ба банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла моҳият ва хусусияти низоми меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, асосҳои назариявии гурӯҳбандии онҳо, мушкилоти қонунгузории амалкунанда, роҳҳои такмили сохтори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои татбиқи амалии меъёрҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хулосаҳои назариявии муаллиф, пешниҳодҳои илмӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва тавсияҳои амалӣ барои мақомоти қонунгузор ва ҳуқуқтатбиқкунанда инъикос гардидаанд. Мақолаҳои нашршуда марҳилаҳои асосии анҷомёбии таҳқиқотро фаро гирифта, имконият доданд, ки натиҷаҳои бадастомада дар муҳити илмӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, арзёбии илмиро касбӣ гиранд.

Интишори натиҷаҳои таҳқиқот дар нашрияҳои илмии ватанӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда барои тасдиқи эътимоднокии мавқеъҳои илмии пешниҳодшуда, санҷиши асоснокии хулосаҳо ва такмили минбаъдаи пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ мусоидат намудааст. Ҳамзамон, мазмун ва муҳтавои интишорот бо самти ихтисоси диссертатсия — 5.5.8. «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» мутобиқат дошта, масъалаҳои таҳқиқшавандаро аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фаро мегиранд.

Ҳаҷм ва шумораи маводи илмии нашршуда, аз ҷумла як монография ва 22 мақолаи илмӣ, ки 18 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, ба талаботи муқарраргардидаи санадҳои меъёрии соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра мутобиқат намуда, барои арзёбии натиҷаҳои илмии диссертатсия заминаи зарурирро фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, интишори натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли монография ва мақолаҳои илмӣ на танҳо иҷрои талаботи муқарраргардидаи аттестатсионии гирифтани дараҷаи илмиро таъмин менамояд, балки саҳми муаллифро дар рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи пешниҳодҳои илмии дорои аҳаммияти назариявию амалӣ тасдиқ мекунад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, шаш боб, поздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Дар боби якум масъалаҳои бунёдӣ ва умумии назариявии таҳқиқи қонунгузории ҷиноятӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегиранд. Дар доираи ин боб моҳияти ҳуқуқӣ, хусусиятҳои хоси ташаккул ва нақши қонуни ҷиноятӣ ҳамчун воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятии бо ҳуқуқ ҳифзшаванда баррасӣ карда мешавад. Қонуни ҷиноятӣ ҳамчун низоми махсуси меъёрҳои ҳуқуқӣ на танҳо воситаи муайян намудани кирдорҳои ҷиноятӣ ва муқаррар намудани ҷавобгарии

ҷиноятӣ мебошад, балки ҳамчун механизми муҳими ҳифзи арзишҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои давлату ҷомеа баромад мекунад.

Дар ин боб масъалаҳои марбут ба матншиносии қонунгузории ҷиноятӣ, хусусиятҳои забонӣ, услубӣ ва мантиқии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин сохтори дохилии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешаванд. Диққати махсус ба масъалаи дақиқии истилоҳоти ҳуқуқӣ, мувофиқати шакли забонии меъёрҳо бо мазмуни ҳуқуқии онҳо ва нақши техникаи қонунгузорӣ дар таъмини татбиқи дурусти қонуни ҷиноятӣ равона карда мешавад. Ҳамзамон сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ, омилҳои таъсиррасон ба рушди он ва робитаи байни талаботи ҷомеа ва мазмуни меъёрҳои ҷиноятӣ таҳлил мегарданд. Ин боб ҳамчун заминаи назариявӣ ва методологӣ барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои сохторӣ ва функсионалии низоми қонуни ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад.

Боби дуюм ба таҳлили ҳамаҷонибаи вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва сохтори дохилии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмати таҳқиқот нақш ва мақсади иҷтимоии қонуни ҷиноятӣ дар низоми ҳуқуқӣ муайян карда шуда, вазифаҳои асосии он, аз ҷумла ҳифзи муносибатҳои ҷамъиятии муҳим, пешгирии ҷиноятқорӣ, таъмини тартиботи ҳуқуқӣ ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар баробари ин, хусусиятҳои сохтории меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, тарзи ташаккули онҳо ва муносибати байни унсурҳои таркибии меъёр таҳлил карда мешаванд. Дар ин замина аҳамияти сохтори мантиқии меъёрҳои ҳуқуқӣ барои дуруст фаҳмидан, шарҳ додан ва татбиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ нишон дода мешавад. Масъалаҳои вобаста ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ, аз ҷумла зарурати мутобиқ намудани меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

тағйироти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷомеа низ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Боби мазкур имконият медиҳад, ки қонунгузории ҷиноятӣ ҳамчун низоми фаъол ва рушдёбандаи ҳуқуқӣ арзёбӣ карда шавад.

Боби сеюм ба омӯзиши низоми институтҳо ва сохтори дохилии Қисми умумии қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он масъалаҳои назариявии ташаккул, ҷойгоҳ ва робитаи мутақобилаи институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд. Аз ҷумла, мафҳуми ҷиноят, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, шаклҳои гуноҳ, марҳилаҳои содир намудани ҷиноят, иштирок дар ҷиноят, низоми ҷазоҳо ва дигар категорияҳои муҳими ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ мешаванд.

Дар доираи ин боб кӯшиш карда мешавад, ки робитаи мантиқӣ ва сохтории байни институтҳои Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ муайян карда шуда, аҳамияти низомнокии онҳо барои самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷиноятӣ нишон дода шавад. Ҳамчунин асосҳои консептуалии ташаккули сохтори Қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ, принсипҳои ҷойгиршавии институтҳо ва зарурати такмили низоми дохилии онҳо таҳқиқ мегарданд. Ин таҳлил барои дарки қонуни ҷиноятӣ ҳамчун низоми ягона ва муттаҳидшудаи институтҳои ҳуқуқӣ аҳамияти назариявӣ дорад.

Дар боби чорум масъалаҳои назариявӣ ва амалии таснифи ҷиноятҳо, мафҳуми категорияҳои ҷиноят ва аҳамияти ҳуқуқии онҳо мавриди таҳқиқ қарор мегиранд. Дар ин боб мафҳуми категорияҳои ҷиноят ҳамчун воситаи муайян намудани дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдорҳо таҳлил шуда, меъёрҳои ҳуқуқии ҷудо намудани ҷиноятҳо ба гурӯҳҳои гуногун баррасӣ карда мешаванд.

Таснифи ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳими ҳуқуқӣ, аз ҷумла таъйини намуди ҷазо, муайян намудани ҳудуди ҷавобгарии ҷиноятӣ, татбиқи институтҳои озод кардан

аз ҷавобгарӣ ва дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ аҳамияти калон дорад. Дар баробари таҳлили қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти гурӯҳбандии ҷиноятҳо мавриди омӯзиши муқоисавӣ қарор гирифта, хусусиятҳои низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Натиҷаи чунин таҳлил метавонад барои такмили минбаъдаи низоми таснифи ҷиноятҳо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

Боби панҷум ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои марказии назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ — мафҳум, сохтор ва аҳамияти таркиби ҷиноят бахшида шудааст. Дар ин боб таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмӯи аломатҳои ҳуқуқие, ки асоси муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятиро ташкил медиҳанд, таҳлил карда мешавад.

Дар раванди таҳқиқ ду равиши асосии илмӣ — мавқеи нормативистӣ ва мавқеи объективистӣ нисбат ба фаҳмиши таркиби ҷиноят муқоиса карда мешаванд. Равиши нормативистӣ бештар ба нақши қонун ва ифодаи ҳуқуқии аломатҳои ҷиноят диққат медиҳад, дар ҳоле ки равиши объективистӣ моҳияти иҷтимоӣ ва воқеии ҷиноятро ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ таъкид менамояд. Дар боб таносуби ин ду мавқеи назариявӣ муайян шуда, аҳамияти онҳо барои рушди илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва татбиқи амалии қонунгузорӣ нишон дода мешавад. Илова бар ин, намудҳои гуногуни таркиби ҷиноят, хусусиятҳои онҳо ва аҳамияти амалии истифодаи онҳо дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Боби шашум ба таҳлили низоми сохторӣ ва назариявии Қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмати таҳқиқ сохтори дохилии Қисми махсус, принсипҳои гурӯҳбандии намудҳои гуногуни ҷиноятҳо ва асосҳои ҷойгир намудани меъёрҳои алоҳидаи ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор мегиранд.

Дар боб масъалаҳои марбут ба ташаккули институтҳои Қисми махсус, робитаи байни онҳо ва нақши ҳар як гурӯҳи ҷиноятҳо дар низоми умумии ҳифзи ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешаванд. Ҳамчунин омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки ба рушди Қисми махсуси қонунгузории ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, муайян карда мешаванд. Таҳлили мазкур имкон медиҳад, ки самаранокии сохтори амалкунандаи Кодекси ҷиноятӣ арзёбӣ гардида, роҳҳои эҳтимолии такмил додани он бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа ва рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ пешниҳод карда шаванд.

**Автореферат фишурдаи диссертатсия** буда, дар умум мафҳум ва моҳияти диссертатсияро мекушояд.

**Бо вуҷуди баҳои мусбии кор дар диссертатсия баъзе масъалаҳои норавшан ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:**

1.Масъалаи низомноксозии Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ таҳқиқоти амиқтар ва истифодаи васеи усули муқоисавии ҳуқуқиро тақозо менамояд. Зеро Қисми умумии қонуни ҷиноятӣ ҳамчун асоси назариявӣ ва методологии тамоми низоми ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад намуда, сохтори он бояд ба принсипҳои мантиқӣ, пайдарҳамӣ ва мутобиқати дохилӣ асос ёбад. Дар ин самт зарур аст, ки на танҳо тартиби ҷойгиршавии институтҳои алоҳида, балки робитаи мутақобилаи онҳо, дараҷаи ҳамоҳангии меъёрҳо ва нақши ҳар як институт дар механизми умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад.

2. Дар масъалаи категорияҳои ҷиноят зарур аст, ки меъёрҳои тасниф ва гурӯҳбандии онҳо бо назардошти тағйироти муосири хусусият ва шаклҳои ҷинояткорӣ мавриди бознигарии илмӣ қарор гиранд. Зеро рушди ҷомеа, пайдоиши шаклҳои нави кирдорҳои хавфнок ва тағйирёбии муносибатҳои иҷтимоӣ ба мазмун ва дараҷаи хавфнокии

ҷиноятҳо таъсири мустақим мерасонад. Аз ин рӯ, таснифи ҷиноятҳо набояд танҳо ба нишондодҳои расмии қонунӣ ё намуди ҷазои пешбинишуда асос ёбад, балки бояд маҷмӯи омилҳои объективӣ, аз ҷумла хусусияти зарари расонидашуда, аҳамияти объекти ҳифзшаванда, оқибатҳои иҷтимоӣ ва дараҷаи таҳдид ба муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар гирад.

3. Мафҳуми таркиби ҷиноят ҳамчун яке аз категорияҳои асосӣ ва марказии илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи назариявӣ ниёз дорад. Зеро маҳз таркиби ҷиноят ҳамчун маҷмӯи аломатҳои дар қонун муайяншуда барои муайян намудани мавҷудияти ҷиноят, асоснок намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва дуруст татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳамияти калидӣ дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мафҳум набояд танҳо бо таҳлили сохтори ҳуқуқии он маҳдуд гардад, балки бояд моҳияти иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва амалии онро низ фаро гирад. Зарур аст, ки робитаи байни таркиби ҷиноят ҳамчун модели ҳуқуқии дар қонун ифодаёфта ва ҷиноят ҳамчун падидаи воқеии иҷтимоӣ равшантар муайян карда шавад. Зеро ҷиноят пеш аз ҳама падидаи ҷамъиятӣ буда, ҳамчун натиҷаи таъсири омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ба вуҷуд меояд, дар ҳоле ки таркиби ҷиноят шакли ҳуқуқии ин падида буда, аломатҳои муҳим ва зарурии онро барои арзёбии ҳуқуқӣ муайян менамояд.

Дар ин замина бояд таъкид намуд, ки таркиби ҷиноят на худи ҷиноят, балки модели меъёрии ҳуқуқии он мебошад, ки тавассути он мақомоти татбиққунандаи ҳуқуқ имконияти муайян намудани аломатҳои кирдори ҷиноятӣ ва ҳалли масъалаи ҷавобгарии шахсро пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи муносибати байни ҷанбаи воқеии ҷиноят ва шакли ҳуқуқии ифодаи он барои дуруст дарк намудани моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ аҳамияти муҳим дорад.

Эродҳое, ки дар боло қайд шудаанд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳснокaнд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад.

**Мутобиқати** бар**асмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии** ат**тестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти илмии Қодирзода Бахтиёр Бобомурод дар мавзӯи «Банизомдарорӣ ва таснифи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мансуб аст. Диссертатсия дар доираи талаботи банди 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳои 26 июли соли 2023, №295 тасдиқ шудааст, таҳия гардида, пурра мутобиқати ҳуқуқӣ ва меъёрии давлатии талаботи академиро таъмин менамояд.

Муаллиф таҳқиқоти илмиро мустақилона бо истифода аз равишҳои муосири методологӣ ва криминалистӣ анҷом дода, сохтори диссертатсияро дар асоси пайдарҳамии мантиқӣ ва талаботи низоми илмӣ ташаккул додааст. Мазмун ва сохтори бобу фаслҳои таҳқиқот бо ҳамдигар мутобиқат дошта, ягонагӣ ва муназзамии илмии корро таъмин менамоянд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки аҳамияти муҳим доранд, ба таври ҳамаҷониба таҳлил гардидаанд. Навгониҳои илмии пешниҳодшуда ба рушди заминаҳои назариявии масъалаи таҳқиқшаванда мусоидат намуда, тавсияҳои амалӣ барои

такмили истифодаи техникаи криминалистӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муфаттишони прокуратура равона шудаанд.

Бо назардошти мазмун, аҳамияти илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Бахтиёр Бобомурод ба талаботи муқарраргардидаи омодасозии корҳои диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти мукаммали масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи техникаи криминалистиро дар фаъолияти муфаттишони прокуратура фаро мегирад. Аз ин рӯ, муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. — «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» сазовор мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети
ҳуқуқшиносии донишгоҳи
славянии Россия ва Тоҷикистон Азимзода Н.Б.

Имзои Азимзода Н.Б. – ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянин) Россия ва Тоҷикистон Исмаилова М.Н.
«31» августи соли 2026

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷикистон,
734000, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
Тел: (+992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; https://www.rtsu.tj